ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ
ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН
ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

УДК 332.1
ББК 65.05

Бо ҳуқуқи дастнавис

МАНСУРОВА МАФТУНАХОН ҒУФРОНОВНА

ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТ ЧУН ВОСИТАИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ
(дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисод
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисоди соҳавӣ
(08.00.04.01- (Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

Хуҷанд – 2023

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Авезова Маҳбуба Мухамедовна,**
доктори илмҳои иқтисод, профессори кафедраи иқтисоди муҳанисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

Муқарризони расмӣ: **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич,**
д.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сийсати Тоҷикистон

Раҳмонов Ҷалолиддин Равшанқулович,
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи « » майи соли 2023, соати дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бо нишонии 734042, ш.Душанбе, хиёбони академикон Раҷабовҳо, 10 баргузор мегардад.

Бо диссертаҳия ва автореферат дар сомонаи расмии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ (http//www.ttu.tj) ва китобхонаи Донишгоҳ бо нишонии 734042, ш.Душанбе, хиёбони академикон Раҷабовҳо, 10 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «__» _____ соли 2023 ирсол карда шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Ашурзода А.Н.**

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Дар вазъияти дарачаи баланди номуайянӣ ва дигаргуншавии муҳити беруна масоили аз назари илмӣ асоснок намудани воситаҳои самарабахши рушди иктисодиёт аҳамияти аввалиндарачаро доро мегарданд. Ин дар шароити рушди устувори саноат, ки тачдид, навсозии техникӣ ва технологии истеҳсолотро таъмин менамояд, мубрамияти хоссаро пайдо мекунад.

Яке аз воситаҳои стратегие, ки ба рушди устувори корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд, ин баланд намудани сатҳи диверсификатсия (таҳаввул) мебошад, дар мавриде ки васеъ намудани истеҳсолоти мавчуда ва ташкили истеҳсолоти нав дар самти барориши маҳсулоти дорои ҳиссаи нисбатан баланди арзиши иловашуда боиси рушди динамикӣ ва устувори онҳо мегардад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (СМР-2030с.) дарч шудааст, ки “баланд бардоштани самаранокӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди босуръати саноат муайян карда шудаанд”[1].

Дарвоқеъ, диверсификатсияи саноат баҳри нисбатан самаранок ва пурра истифода намудани технология ва иқтидорҳои мавчуда имкон фароҳам мекунад, ки барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ва пешгирии муфлисшавӣ самтгузорӣ шудааст. Моҳияти иқтисодии диверсификатсияро ҳамчун васеъ намудани фаъолнокии истеҳсолӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо, ки баҳри баланд шудани самаранокӣ мусоидат намуда, бо коҳишёбии хавфҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ ҳамшафат аст. Дар вазъи сатҳи баланди диверсификатсия аз истифодаи муштараки инфрасохтори моддӣ ва бозаргонии саноат самараи синергетикӣ, афзоиши ҳачми муомилоту гардиши бор, васеъшавии бозорҳои маҳсулот, ки боиси баланд шудани самаранокии истеҳсолот ва чун натича рушди устувори иқтисодӣ мегардад, ба даст овардан мумкин аст.

Вале бо роҳи диверсификатсия (таҳаввул) таъмин намудани рушди устувори саноат раванди аслан мураккаб аст, зеро он дар тафовут аз усули махсусгардонии истеҳсолот чалб намудани ҳачми нисбатан калони захираҳоро тақозо мекунад. Бар замми ин, азхуд намудани навъҳои нави истеҳсолот истифода бурдани захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва вақтиро на танҳо дар соҳаҳо ва истеҳсолоте, ки аз ҳисоби самараи қиёсӣ самаранокии баланди иқтисодӣ доранд, балки дар истеҳсолоте, ки манфиати ками иқтисодӣ доранд, пешбинӣ менамояд.

Аз тачрибаи чаҳонӣ маълум мегардад, ки таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат табиати ғайрихаттӣ дорад ё бо ибораи дигар муносибати тарафайни манфӣ мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин, масоили методӣ ва амалии таъсири тағйирёбии сатҳи диверсификатсия ба рушди устувори саноат тафсиру шарҳи гуногунмаъно дорад ва дар ин самт барои баҳси илмӣ майдони кушод боқӣ мемонад. Мушкилот дар он аст, ки ҳангоми омӯзиши таъсири диверсификатсия ба рушди устувор муқаррароти заминавии зерин ба инобат гирифта намешавад:

[1] Национальная стратегия развития Таджикистан на период до 2030 года// Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года, № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - 106 с.

- Сохтори соҳавӣ, ки омили калидии таҳлили хусусияти таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат мебошад. Масалан, баланд бардоштани сатҳи диверсификатсияи соҳаҳои саноати коркард ба рушди устувори онҳо мусоидат мекунад, барои он, ки дараҷаи коркарди ашёи хом ва масолеҳ меафзояд ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловагии нисбатан баланд ба роҳ монда мешавад. Барои саноати истихроҷи ашё ин робита моҳияти манфӣ дорад, зеро ба соҳаҳое, ки бо истихроҷи маъданҳои фоиданок вобастаанд, равандҳои диверсификатсия таъсири суст мерасонанд.

- Истифодаи стратегияи диверсификатсияи консентрикӣ (мутамарказ), ки дар истифодаи технологияҳо ва захираҳои мавҷуда замина меёбад, барои истеҳсоли молҳои коркард ё таҷдидшуда бе сармоягузории зиёди молиявӣ имкон фароҳам меорад. Таъмини рушди устувор ҳангоми амалӣ намудани ин намуди диверсификатсия аз ноил шудан ба самараи синергетикӣ, сарфакорӣ дар миқёси фаъолият ва нигоҳдории даромад аз барориши номгӯи васеи маҳсулот иборат аст, ки ин имкон медиҳад дар шароити номусоиди бозор талафот кам гардад.

Ҷузъи калидии таъмини рушди устувори саноат интихоби аз ҷанбаи илмӣ асоснокшудаи соҳаҳои афзалиятноки амалигардонии диверсификатсия ҷиҳати самаранок тақсим намудани захираҳои маҳдуд мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот аён карданд, ки диверсификатсияи аз ҷиҳати самт мақсадноки бахшҳои афзалиятноку муайяншудаи саноати коркард ва истифодаи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ ба андозаи зиёд метавонад барои таъмини рушди устувори онҳо мусоидат намояд ва ин ҳолат дараҷаи баланди мубрамияти мавзӯи тадқиқоти рисоларо муайян мекунад.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи таҳқиқшаванда. Дар фарогирии таърихии илми иқтисоди ҷаҳонӣ назарияи рушди устувор дар осори В.И. Вернадский, Д.Медоуз, А.Д. Урсул, Х.Боссел. инъикоси назарии худро ёфтаанд. Масоили рушди устувори саноат дар осори В.С. Василтсов, И.В. Багаутдинов, И.Н. Федоренко, Х.Г. Баширов, О.А. Серая, М.Б. Шепакин, Ж.Н. Казиева мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Ба масъалаҳои таҳияи стратегия ва таҳлили омилҳои рушди устувори саноати иқтисодиёти миллӣ асарҳои иқтисодшиносони маъруфи тоҷик, аз қабили Н.К. Қаюмов, Т.Н. Назаров, Р.К. Рахимов, Х. А. Одинаев, С.Ҷ. Комилов, М.Т. Каримова, Л.Х. Саидмуродов, С.И. Исломов, А.Х. Авезов, А.А. Бойматов, А.А. Назаров, А.М. Раҳимов,.

Ба масъалаҳои таъмини рушди устувор саноати иқтисоди миллӣ корҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди Т.Д. Низомова, Н.Т. Хоналиев, Б.Б. Махкамов, М.М. Султонова, Ф.Ф. Шарифбоева, М.И. Нуриддинова, А.А. Бобоев бахшида шудаанд

Ҷабҳаҳои назариявию методии диверсификатсияи иқтисодиёт, омилҳо ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи он дар таълифоти олимони хориҷӣ Дж.Имбс, Р.Ваксиарг, Р.Аути, Р.Хаусманн, Р.Родрик ва Б.Трендли, олимони рус М.Г. Лашов, В.Н. Парахин, Н.П. Харченко, В.Г. Заретская, И.К. Титкова таҳқиқ шудаанд.

Дар рисолаҳои илмии олимони тоҷик Х.У. Умаров, М.М. Авезова, А.К.Қурбонов, С.Раҳматзод ва Б.А. Бегматов масоили робитаи диверсификатсия ва динамикаи рушди иқтисодии минтақаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

То айни замон оиди масъалаи диверсификатсияи иқтисодиёт осори зиёди таҳқиқотӣ мавҷуд аст, ки дар он доираи мафҳумҳо, хусусиятҳо ва усулҳои арзёбии сатҳи диверсификатсия бомуваффақият ва ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин масъалаи аз ҷанбаи назариявию методологӣ муайян ва асоснок намудани диверсификатсия ба миён гузошта мешавад, ки дар натиҷаи ин ноил шудан ба нишондиҳандаҳои рушди устувори саноат имконпазир аст.

Робитаи рисола бо барномаҳои (лоиҳаҳои) илмӣ ва мавзӯъҳо. Тадқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи як қатор санадҳои стратегӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия ва татбиқ гардидаанд, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (СМР-2030): б.3.2. Рушди минтақаҳо; б 1.3. Сенарияҳои рушд, б.1.4. Марҳилаҳои татбиқи СМР, инчунин дар асоси Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади тадқиқоти диссертсионӣ дар таҳияи муқаррароти назариявӣ-усулӣ барои муайян намудани таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат ва таҳияи тавсияҳои амалӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори он самтгузорӣ шудаанд, ифода меёбад.

Вазифаҳои тадқиқот:

- таҳқиқи масоили назариявии таъмини рушди устувори саноат;
- омӯзиши моҳияти иқтисодӣ ва аҳамияти диверсификатсия ҳамчун омили рушди устувори саноат;
- таҳлили равишҳои назариявӣ ва усулӣ нисбати баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия, ки дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ муаррифӣ карда шудаанд;
- ҳисоб ва иҷрои арзёбии нишондиҳандаҳои соҳавии диверсификатсия ва сатҳи миёнаи диверсификатсияи соҳаҳо;
- амалӣ намудани таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии нишондиҳандаҳои диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди устувори саноат;
- таҳияи равиши усулии муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки амалӣ намудани диверсификатсияи саноат;
- асоснок ва пешниҳод кардани самтҳои стратегӣ оиди баланд намудани сатҳи диверсификатсияи саноати вилояти Суғд, ки таъмини рушди устувори онро таъмин менамоянд.

Объекти тадқиқоти диссертатсионӣ раванди таъмини рушди устувори саноат мебошад.

Мавзӯи (предмети) тадқиқоти диссертатсионӣ шароит ва нишондиҳандаҳои баланд намудани сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёт ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори саноат мебошад.

Фарзияи тадқиқот тахмин карда мешавад, ки диверсификатсияи иқтисодиёт дар тафовут аз махсусгардонии истеҳсолот метавонад боиси динамикаи нисбатан босуръати рушди иқтисодии саноат, ҳамчун асоси рушди устувор гардад, аммо бо назардошти риояи шартҳои зерин:

- барои коҳиш додани хавфи пешбурди тиҷорат баландшавии сатҳи диверсификатсия бояд аз ҳисоби васеъ намудани номгӯи чунин намудҳои маҳсулот ва хизматрасонӣ амалӣ шавад, ки аз истеҳсоли онҳо самараи синергетикӣ ва самараи сарфа аз ҷиҳати миқёс ба даст меояд;

- истифодаи нисбатан самаранок ва пурраи технологияҳои мавҷуда ва намудҳои дигари захираҳо аз ҳисоби татбиқи стратегияи диверсификатсияи марказонидашуда.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои фундаменталии олимони иқтисоддони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои таъсири сатҳи диверсификатсия чун воситаи таъмини рушди устувори саноат, ташкил менамоянд.

Асосҳои методологии тадқиқот. Дар раванди таҳқиқ усулҳои умумии илмӣ ва махсуси тадқиқотӣ, равиши бисёрҷанба, арзёбии муқоисавӣ, таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ истифода шудааст. Ҳангоми таҳияи муқаррароти асосии рисола таҳлили диалектикӣ ва оморӣ истифода шудааст.

Заминаи иттилоотии таҳқиқот ба маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи омории солонаи муассисаҳои низоми маъмурияти вилоят, ки бо дархости инфиродӣ ба муаллиф пешниҳод шуданд, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, стратегӣ ва маводҳои барномавӣ, ки дар сомонаҳои идораҳо ва вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, маводҳои нашрияҳои даврӣ ва манбаъҳои электронӣ, ки дар сомонаҳои расмии шабакаи Интернет нашр шудаанд, асос ёфтааст.

Пойгоҳи тадқиқотӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникӣ дар шаҳри Хуҷанд Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ ба ташаккули консепсияи диверсификатсияи иқтисодиёт ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори соҳаҳо ва истеҳсолоти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон самтгузоришуда таҷассум ёфтааст.

Дар раванди таҳқиқ муаллиф натиҷаҳоеро ба даст овардааст, ки чунин навгонии илмиро инъикос мекунанд:

Собит шудааст, ки табиати таъсири сатҳи диверсификатсияи иктисодиёт ба рушди устувори саноат аз сохтори соҳавии он вобаста аст.Баланд намудани сатҳи диверсификатсияи соҳаҳои саноати коркард рушди устуворро аз ҳисоби афзоиш шумораи пайвандҳои арзиши иловагӣ таъмин менамояд, ки чунин вазъият дар натиҷа боиси афзоиши мутамарказшавии сармоя ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот мегардад.Барои соҳаи саноати истихроҷ чунин робита бо сатҳи диверсификатсия моҳияти манфӣ дорад, зеро дар соҳаҳои бо истихроҷи маъданҳо фоиданок алоқамандбуда равандҳои диверсификатсия суст ҷараён мегиранд.

Механизми таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат таҳия шуда, шароите муайян карда шудааст, ки ҳангоми иҷрои он таъсири мазкур моҳияти мусбиро мегирад, яъне истеҳсоли маҳсулоти нав ва коркарду таҷдиди маҳсулоти мавҷуда бо ҳиссаи баланди арзиши иловашуда барои қонеъ намудани талаботи гуруҳҳои мавҷудаи истеъмолкунандагон бо воситаи татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ асос ёфтааст. Дар натиҷаи он хавфҳои тиҷоратӣ тавассути васеъ намудани номгӯйи маҳсулот коҳиш меёбанд, самараи миқёс ва синергетикӣ, ки рушди устувори саноатро таъмин мекунад, зоҳир мешавад.

Масири рушди устувори иқтисодиёти вилояти Суғд, ки бо раванди диверсификатсияи саноат алоқаманд аст, муайян карда шудааст: дар марҳилаи ибтидоӣ афзоиши ҷиддии сатҳи диверсификатсияи соҳаҳои саноати коркард, ки афзалиятҳои қиёсӣ ва ҳиссаи баланди арзиш иловагӣ доро мебошанд, ки боиси зиёдшавии МММ ба ҳар сар аҳолӣ мегардад. Дар марҳилаи дуюм имконият ба вуҷуд меояд, ки захираҳои ҷамъоваришудаи инвеститсионӣ ба худи ҳамон соҳаҳои саноат баҳри гузариш ба амиқу чуқур намудани махсусиятшавии истеҳсолот равона карда шаванд. Баъдан дар назар дошта шудааст, ки ин равиш ба соҳаҳои дигари дорои дурнамои хуби иқтисодӣ ба таври васеъ ворид карда шавад. Чунин масир боиси таъсири мусбии диверсификатсия ба тамоюли рушди устувор мегардад.

Дар мисоли иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон матритсаи раддабандии соҳаҳои саноат таҳия ва озмуда шудааст, ки имкон медиҳад тавассути истифодаи маҷмӯавии муомили (коэффисиент) диверсификатсия ва муомили сохторӣ бахшҳо ва соҳаҳои афзалиятнок муайян карда шаванд, ки баланд шудани сатҳи диверсификатсияи онҳо боиси ноил шудан ба рушди устувори саноат мегардад. Барои шароити вилояти Суғд бахшҳои афзалиятнок дар сохтори саноатӣ истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ ва металлургӣ маҳсуб мешаванд.

Дар мисоли яке аз корхонаҳои пешқадами саноати хӯроквории вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии самаранокии истеҳсолот амалӣ шудааст, ки дар натиҷаи он ҳангоми баландшавии муомили диверсификатсия аз ҳисоби васеъ намудани номгӯй ҳаҷми даромад аз фурӯши маҳсулоти корхона босуръат меафзояд. Татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ имкон медиҳад, ки маҳсулнокӣ афзоиш ёбад ва хароҷоти истеҳсолӣ коҳиш дода шавад, ки ин дар навбати худ мавқеи рақобатпазирии корхонаро устувор мегардонад.

Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- сохтори соҳавӣ чун омили асосии таъсири сатҳи диверсификатсия ба рушди устувор ба ҳисоб меравад. Байни ҳаҷми истеҳсоли саноати коркард ва муомили диверсификатсия робитаи мустақим вуҷуд дорад, ҳамзамон вобастагии байни чунин нишондиҳандаҳо дар соҳаи саноати истихроҷ робитаи ғайримустақимро доро мебошад;
- асоснок намудани механизми таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат бо роҳи истеҳсоли маҳсулоти дигаргуншуда барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва баланд гардидани самаранокии он, ки рушди устувори саноат таъмин карда мешавад, роҳандозӣ менамояд;
- масири рушди устувори иқтисодиёти вилояти Суғд, ки бо раванди таъсири мусбии диверсификатсия ба тамоюли рушди устувори саноат алоқаманд аст, аз ду марҳила иборат мебошад. Дар марҳилаи аввал аз ҳисоби баланд намудани дисерсификатсияи соҳаҳои афзалиятноки саноати коркард, ки дар натиҷа тараққиёти иқтисодиёт ба амал меояд. Дар оянда, ҳангоми ноил шудан ба сатҳи баландтарини диверсификатсия, ки тамоюли мусбии рушди иқтисодиётро таъмин менамояд, зарурияти гузариш ба махсусгардонии истеҳсолот пайдо мегардад, ки ба афзоиши бештари маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ бар ҳар сари аҳолӣ оварда мерасонад;
- усули муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки саноат барои амалӣ намудани диверсификатсияи аввалиндараҷаи онҳо бо истифода аз муомили диверсификатсия

ва муомили сохторӣ ҷудо намудани соҳаҳои афзалиятнокро, баланд гардидани сатҳи диверсификатсияи онҳо баҳри таъмини рушди устувор имконият фароҳам меоваранд;

- консепсияи баланд бардоштани сатҳи диверсификатсияи соҳаҳои саноати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамаркази соҳаҳои афзалиятнок асос меёбад, ки аз ҳисоби пурратар ва самаранок истифода намудани захираҳо баҳри ноил шудан ба самараи миқёси истеҳсолот имконият пайдо намуда, рушди устувори саноат таъмин карда мешавад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои амалии дар рисола таҳияшуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияи рушди саноат истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки тасаввуроти назариявии мавҷудбуда оиди робитаи байни сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди устувори саноат васеъ гардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи равишҳо ва усулҳои пешниҳодшудаи муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои баланд намудани диверсификатсияи иқтисодиёт ҳангоми асоснок намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои ҷудогонаи саноат аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои тадқиқотро дар таълими курсҳои «Менеҷменти стратегӣ», «Иқтисоди саноат» истифода бурдан мумкин аст.

Соҳаи таҳқиқот. Рисолаи диссертатсионӣ дар доираи соҳаи таҳқиқот тибқи шиносномаи ихтисоси КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, рамзи ихтисос 08.00.04-Иқтисоди соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) бандҳои: 21 - Воситахои банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва муҷтамеи сӯзишворӣ-энергетикӣ ва 25 - Диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва васеъ намудани сиёсати навъи маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ.

Саҳми шахсии довталаб дар муайян кардани ҳадаф, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асоснок намудани феҳрасти вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли масоили баррасишаванда, пешниҳоди далелҳо оиди асосҳои назариявӣ ва усулии рисола ифода меёбад. Иштироки бевоситаи довталаб дар таҳқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ оиди мавзӯи таҳқиқот, маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар озмоиши амалии натиҷаҳои диссертатсия иборат аст.

Тасвиб ва воридсозии натиҷаҳои таҳқиқот. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар семинарҳои илмии байнидонишгоҳӣ: дар Форуми 9-уми байналмилалии «Россия дар асри XXI: таҳдидҳои ҷаҳонӣ ва дурнамои рушд» (Москва - 2020 – ба сертификати намунаи байналмилалии ҷоиз дониста шудааст; Конфронси шашуми байналмилалии илмӣ-амалии «Танзими давлатии иқтисодиёт: ҷанбаҳои сиёсӣ-иқтисодӣ» (Москва, 2020); бисту панҷумин Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Мушкилоти мубрами идоракунӣ 2020», (Москва, 2020); Конфронси ҷумҳуриявии ДПДТТ «Низоми босамари омодакунии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ - асоси рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2017); конфронси вилоятии «Рушди индустриалӣ-инноватсионии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, омилҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ»

(Хуҷанд, 2021), инчунин дар конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии апрелии ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ муаррифӣ ва муҳокима карда шудаанд.

Интишори натиҷаҳои тадқиқот. Муқаррарот ва натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо аз феҳрасти КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда нашр шудаанд. Ҳаҷми умумии таълифот оиди мавзӯи рисола 7,8 ҷ.ч. ташкил медиҳад.

Сохтор ва ҳаҷми рисола. Рисола аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва пешниҳодҳо, хулоса, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда иборат аст. Матни рисола 153 саҳифа, 5 замима, 25 ҷадвал, 21 расм ва 206 манбаи адабиётро дар бар мегирад.

МУНДАРИҶАИ АСОСИИ РИСОЛА

Дар **Муқаддима** аҳамияти мавзӯи тадқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мушкилот таҳлил карда мешавад, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва мавзӯи тадқиқот муайян карда мешаванд, асосҳои назариявӣ, усулӣ ва иттилоотии тадқиқот муаррифӣ шудаанд, инчунин навгонии илмӣ, натиҷаҳои асосии илмӣ ва аҳамияти амалии тадқиқот пешниҳод шудаанд.

Дар **боби якум - «Ҷанбаҳои назариявии диверсификатсияи иқтисодиёт ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори саноат»** масъалаҳои назариявии рушди устувори саноат ва “диверсификатсияи иқтисодиёт” мурофиа карда шуда, механизми таъсири диверсификатсияи иқтисодиёт ба рушди устувори саноат асоснок карда шудааст. Муносибатҳои методологияи арзёбии сатҳи диверсификатсияи ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори саноат таҳлил карда мешавад.

Дар асоси таҳқиқи адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масоили рушди устувори саноат муқаррар карда шудааст, ки яке аз воситаҳои калидӣ, ки барои рушди устувори он таъсири мусбат мерасонад, диверсификатсияи иқтисодиёт мебошад. Он барои коҳиши осебпазирии иқтисодиет аз омилҳои манфии беруна ва тақсимоти баробари даромадҳои соҳавӣ мусоидат намуда ва ба ин васила номутаносибиро дар ташаккули онҳо тавассути рушди самтҳои зиёди тиҷорат ва таъсири синергӣ коҳиш медиҳад.

Таҳқиқи адабиет нишон дод, ки андешаи муаллифон барои муайян кардани тавзеҳоти "диверсификатсияи иқтисодиет" вобаста ба сатҳи фаъолияти хоҷагидорӣ гуногун аст. Дар доираи тадқиқоти мазкур таърифи мафҳуми “диверсификатсияи иқтисодиёт - самаранок тақсим намудани захираҳо байни соҳаҳо бо мақсади ҳавасмандӣ ва рушди намудҳои алтернативии истеҳсолот ва бозорҳо” қабул карда шудааст.

Ҳамзамон, дар адабиети иқтисодӣ шумораи зиёди таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуд аст, ки барои таҳқиқ ва арзёбии сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёт бахшида шудаанд. Усулҳои муайян кардани сатҳи диверсификатсияро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ба гуруҳи аввал чунин усулҳо дохил мешаванд, ки бо ёрии онҳо сатҳи диверсификатсияи мутлақи иқтисодиётро муайян карда мешавад ва ҳангоме, ки субъекти хоҷагидор (мамлакат, минтақа, саноат) дорои якчанд шумораи соҳаҳо мебошад. Ба ин гуруҳ чунин усулҳо дохил мешаванд: шохиси оживалӣ, индекси Херфиндал-Хиршман ва энтропия. Гурӯҳи дуюми усулҳо

барои муайян кардани ноустуворӣ пешбинӣ шудаанд. Ба онҳо формулаи Тейл дохил мешавад, ки нобаробариҳои бахшҳои истеҳсолиро зоҳир мекунад.

Дар таҳқиқоти мазкур, барои муайян намудани сатҳи диверсификатсия аз байни усулҳои дар боло зикргардида, усули маъмултарин яъне формулаи Херфиндал-Хиршман истифода бурда мешавад. Муайян намудани индекс бо истифода аз формулаи қайдгардида, нисбат ба дигар индексҳо дорои бартарият мебошад. Нишондиҳандаи асосӣ ҳангоми истифодаи формулаи Херфиндал-Хиршман ҳаҷми истеҳсоли субъекти хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани сатҳи диверсификатсия бо ёрии дигар усулҳои зикргардида нишондиҳандаҳои ҳиссаи шуғл, содирот, фаъолнокии иқтисодиёт аз рӯйи соҳаҳо истифода бурда мешавад.

Вобаста ба ин, дар таҳқиқот муомили диверсификатсияи саноат бо усули Херфиндал-Хиршман арзёбӣ карда шудааст (формула 1).

$$D = 1 - \sum_{i=1}^{n} Si^2 \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо: D – муомили диверсификатсияи иқтисодиёт:

i – объектҳо (мамлакат, соҳаҳо, маҳсулот);

n – шумораи объектҳои омӯхташаванда, адад;

Si^2 – ҳиссаи объект дар ҳаҷми умумии истеҳсолот

Таҳқиқи адабиёт нишон дод, ки усулҳои таҳияшуда асосан барои муайян кардани сатҳи диверсификатсия пешбинӣ шудаанд ва имкон намедиҳанд, ки таъсири онро ба рушди устувор бо усули миқдорӣ муайян карда шавад. Илова бар ин, дар адабиёт осори алоҳида оиди арзёбии сифатии таъсири сатҳи диверсификатсия ба рушди устувор дар сатҳи минтақа ё кишвар мавҷуданд, ки бо ёрии индекси интегралӣ ва амсиласозии иқтисодӣ-риёзӣ арзёбӣ шудааст (Турганова Л.В., Заретская Т.В. ва Титкова И.К.)[2]. Аммо усулҳои муайян кардани чунин таъсир дар сатҳи соҳаҳо, масалан, саноат ба қадри кофӣ таҳия карда нашудааст. Ғайр аз ин, онҳо имкон намедиҳанд, ки масири рушди устувори объектҳои таҳқиқшаванда таҳти таъсири диверсификатсия муайян карда шавад.

Аз ҷиҳати методологӣ ба ҳадафҳои тадқиқоти мазкур натиҷаҳои аз ҷониби Ҷ. Имбс ва Р.Ваксиарг[3], ки таъсири коэффисиенти махсусгардонӣ (қимати баръакси диверсификатсия) ва ММД-ро ба ҳар сари аҳолӣ (бо доллари ИМА) баррасӣ карданд мувофиқ мебошад. Ин вобастагӣ хати каҷи U-шакл Imbs номида шуд, ки намуди табдилёфтаи он барои мақсадҳои таҳқиқоти мо дар расми 1 нишон дода шудааст.

---

[2] Турганова Л.В. Диверсификация экономики как инструмент устойчивого развития региона (на примере Липецкой области) [Текст]: автореферат дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Л.В. Турганова. - Москва, 2011. - 25 с; Зарецкая В.Г., Титкова И.К. Диверсификация экономики российских регионов: измерения и тенденции [Текст] / В.Г. Зарецкая, И.К. Титкова // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2017. – Т.13, №12. – С.2236 – 2255. http://www.fin-izdat.ru/journal/national/

[3] Имбс Дж., Вакзиарг Р. Стадии диверсификации [Текст] / Дж. Имбс, Р. Ваксиарг // Американское экономическое обозрение. – 2003. – Т. 93. – №. 1. – С. 63-86.; Доклад Европейского банка реконструкции и развития // Диверсификация в России потенциал региональных различий [Электронный ресурс]. URL:https://www.ebrd.com/downloads/research/economics/publications/specials/diversifying-russia-russian.pdf



Расми 1. - Таъсири диверсификатсия ба ММД ба ҳар сари аҳолӣ

Тадқиқоте, ки муаллифони номбурда гузаронидаанд хусусияти дучонибаи таъсири диверсификатсияро ба рушди устувори саноат инъикос менамояд. Дар марҳилаи аввал инкишофи иқтисодӣ аз ҳисоби диверсификатсия тавассути истифодаи миқдори зиёди бартариҳои мавҷуда ба даст оварда шуда, то он даме, ки афзоиши он ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад (ҷойгиршавии нишондиҳандаҳои мамлакат тарафи чапи расм). Марҳилаи дуюм дар баланд бардоштани сатҳи махсусгардонии соҳаҳо (раванди баръакси диверсификатсия), ки дорои афзалиятҳои муқоисавӣ ва арзиши баланди иловашуда бо мақсади истифодаи самараи миқёс мебошанд, асос ёфтааст (нишондиҳандаҳои мамлакатҳо дар тарафи рости тамоюл). Ҳамин тариқ ҳам аз раванди диверсификатсия ва ҳам аз махсусгардонӣ бартариҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Аз сабаби он, ки таъсири сатҳи диверсификатсия ба рушди устувори саноат гуногун мебошад, дар рисолаи диссертатсионӣ интихоби механизми таъсири диверсификатсия ба рушди устқвори иқтисодии саноат асоснок карда шудааст. Зери маънои механизм системаи ташкили ҷузъҳои алоҳидаро мурофиа намуда, тибқи назарияи М.Портер[4] метавон се самти баланд намудани диверсификатсияи иқтисодиётро муайян кард, ки боиси рушди устувори иқтисодиёт мегарданд (расми 2).

[4] Портер М. Конкурентная стратегия: Методика анализа отраслей конкурентов. – Альпина Паблишер, 2016. [Электронный ресурс] URL:https://scholar.google.ru. (дата обращения 14.06.2020)



Расми 2. Механизми таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат
(Сарчашма: дар асоси омӯзиши маводи ба мавзуъ бахшидашуда аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст)

Тавре, ки аз расми 2 дида мешавад, роҳҳои якум ва сеюм бо зарурати ҷалби ҳаҷми зиёди захираҳо вобастаанд ва барои ширкатҳои пешсафи бозорҳои алоҳидаи саноатӣ афзал дониста мешаванд. Ҳамзамон барои бахшҳо ва соҳаҳои дорои захираҳои маҳдуди сармоягузорӣ, ки саноати вилояти Суғдро дар бар мегирад, роҳи самараноки таъмини рушди устувор - баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия бо роҳи ташкили истеҳсоли маҳсулоти мавҷудаи таҷдидшуда, яъне намудҳои маҳсулоти якхела, аммо бо хусусиятҳои фарқкунанда барои қонеъ гардондани талаботи гурӯҳҳои мавҷудаи истеъмолкунандагон мебошад. Ин роҳ имкон медиҳад, ки ҳам ҳаҷм ва ҳам самаранокии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот босуръат баланд шавад.

Ҳамин тавр, баланд намудани сатҳи диверсификатсия тавассути истеҳсоли молҳои мавҷудаи таҷдидшуда боиси афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва баланд шудани самаранокии он мегардад, ки рушди устувори саноатро таъмин менамояд.

Боби дуюми тадқиқоти диссертатсионӣ **«Арзёбии сатҳи диверсификатсия дар таъмини рушди устувори саноати вилояти Суғд»** барои таҳлили вазъияти муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди минтақа ва саноати он, ва зоҳир намудани хусусияти таъсири сатҳи диверсификатсия ба тамоюли рушди соҳаҳои саноат бахшида шудааст.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои тараққикардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз нуқтаи назари имкониятҳои имтиёзнок дар таъмини рушди устувори мамлакат аҳамияти калон дорад. Дар соли 2021 маҷмуи маҳсулоти дохилии вилояти Суғд 23862 млн сомониро ташкил дода, дар шаш соли охир ин нишондиҳанда ба 2,10 баробар афзудааст. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 8450 сомониро дар соли 2021 ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015, 1,86 маротиба зиёд аст (ҷадв 1). Бо вуҷуди ин, иқтисодиёти минтақа аз ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва иқтисодиёти ба захираҳо вобастагии зиёд дорад, ки осебпазириро зиёд менамояд ва барои ноил шудан ба рушди устувори минтақа монеа пайдо намоянд.

Ҷадвали 1 - Динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии рушди саноати вилояти Суғд дар муқоиса бо соли 2015 сол, млн сомонӣ.

Нишондиҳандаҳо	2015	2017	2019	2020	2021
Маҳсулоти дохилии минтақавӣ	**11356**	**15482**	**18126**	**19567**	**23862**
Шумораи аҳолӣ	2511,1	2608,5	2707,3	2783,0	2823,9
Маҳсулоти дохилии минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ	4522	5939	6695	7030	8450
Маҳсулоти дохилии минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, доллари ИМА	707	713	745	658	746
Тамоми саноат	**4 652**	**8 979**	**11624**	**13661**	**18254**
Саноати истихроҷи маъданӣ-минералӣ	1222	3613	3282	2508	5633
Истихроҷи маводҳои энергетикӣ	14	22	28	30	33
Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ	1 084	3 392	2 998	2208	5303
Истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об	220	302	905	987	1 102
Саноати коркард, аз ҷумла	3 209	5 065	7 435	10 166	11 517
Истеҳсоли маводҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку	1 550	2158	2720	4301	4541
Саноати бофандашӣ ва дӯзандагӣ	473	770	827	875	1217
Истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифиллизии маъданӣ	202	487	793	763	776
Истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри фулузӣ	776	1396	2676	3835	4510
Соҳаҳои дигари саноат	154	198	294	261	348
Муомили диверсификатсияи ВС ҶТ	**0,52**	**0,52**	**0,53**	**0,50**	**0,54**
Муомили диверсификатсияи саноат	**0,74**	**0,75**	**0,76**	**0,78**	**0,79**
Муомили сохтории саноат	**0,41**	**0,58**	**0,64**	**0,69**	**0,76**

Ҳисоби муаллиф дар асоси: Маҷмӯаи омори вилояти Суғд 2022. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд - Хуҷанд:– 2022 – С.8, 18, 256, 257, 258, 259, 260.

Аз ҷадвали 1 маълум аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати минтақа дар давраҳои таҳқиқотӣ суръати баланди афзоишро дорад. Инчунин, афзоиши ҳиссаи саноат, яъне ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (ММММ) сол то сол ба мушоҳида мерасад. Аз соли 2015 то соли 2021 вазни қиёсии маҳсулоти саноат дар ММММ-и вилоят аз 41% ба 76,57% афзуда, ¾ ҳиссаи ММММ-ро ташкил дод. Ин ҳамчунин бо нишондиҳандаҳои муомили сохторӣ, ки тақсимоти маҳсулоти саноатро

ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба МММ ба ҳар сари аҳолӣ нишон медиҳанд, низ тасдиқ мешавад.

Тавре аз ҷадвали 1 маълум аст, ҳисоби муомили диверсификатсияи минтақа бо ёрии формулаи Херфиндал-Хиршман дар давраи таҳқиқшаванда дар асл дар як сатҳ (0,52) боқӣ мемонад ва муомили диверсификатсияи соҳа дар ҳамин давра тамоюли зиёдшавиро дорад - аз 0,74 то 0,79 (ҷадвали 1). Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар давраи таҳқиқ дар саноат воридшавии соҳаҳои ҷадиди саноатӣ, истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот ва фаъолият ба роҳ монда шудааст, ки ба баланд шудани муомили диверсификатсия таъсир мерасонанд. Ҳамзамон дар маҷмӯъ дар вилоят тағйиротҳо нисбати ба вуҷуд омадани истеҳсолоти нави саноат мушоҳида нашуданд, ки ин сабаби дар нишондиҳандаҳои диверсификатсия ҳам ба вуҷуд наомадани тағйирот гардид. Дар мавриди усули ҳисоб кардани муомили сохторӣ ва таҳлили қиматҳои соҳавии он, ин масъала дар зер ҳангоми тартиб додани матритсаи раддабандии соҳаҳо баррасӣ мешавад.

Чунон ки маълум аст, раванди диверсификатсия бештар дар соҳаҳои заминавӣ ва пеш аз ҳама дар саноат ба мушоҳида мерасад. Инчунин, тавре, ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон додааст, сохтори соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун омили асосии таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат мебошад. Барои соҳаҳои саноати коркард рушди устувор аз ҳисоби баланд гардидани сатҳи диверсификатсия бо роҳи зиёд гаштани шумораи пайвандҳои арзиши иловагӣ, ки дар натиҷа аз ҳисоби зиёд кардани ҷамъшавии сармоя ва ҳаҷми истеҳсол таъмин карда мешавад (расми3). Ҳаҷми истеҳсоли соҳаҳои саноати истихроҷи маъдани вилояти Суғд бо сатҳи диверсификатсия робитаи ғайримустақим доранд (расми 4). Аз ин лиҳоз, барои таъмини рушди устувори саноат шароитҳо барои рушди соҳаҳои саноати пешсафи коркард ташкил кардан воҷиб аст.

Тавре, ки аз расми 3 маълум аст, байни сатҳи диверсификатсия ва ҳаҷми истеҳсоли саноати коркард робитаи мустақим вуҷуд дорад, яъне бо афзудани муомили диверсификатсия ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ меафзояд.



Расми 3. - Таъсири муомили диверсификатсия ба ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки саноати коркард яке аз соҳаҳои босуръат инкишофёбандаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Маҳз дар соҳаҳои он барои диверсификатсия аз ҳисоби зиёд кардани шумораи пайвандҳои арзиши иловагӣ, Бо ҳамин усул таносуби байни сатҳи диверсификатсия ва ҳаҷми истеҳсоли саноати истихроҷи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шуд (расми 4).



Расми 4. - Таъсири муомили диверсификатсия ба ҳаҷми истеҳсоли саноати истихроҷ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ин ҳолат бо он вобаста аст, ки раванди диверсификатсия ба саноати истихроҷ таъсири суст дорад. Дар рушди ин соҳаҳо асосан афзоиши истихроҷи маъданҳои фоиданок нақши асосиро мебозад ва дар асл пайванди арзиши иловагӣ вуҷуд надорад. Тибқи ин, сатҳи махсусгардонии соҳаи мазкур аз сатҳи диверсификатсия шудани он баландтар аст. Ҳамин тариқ, тадқиқот нишон дод, ки таъсири сатҳи диверсификатсия ба рушди устувори саноат метавонад якхела набошад. Он бештар ба сохтори соҳавии саноат вобаста аст.

Аз руйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, дар расми 1 вазъи ҷории иқтисодиёти вилояти Суғд (бо нуқтаи сабз ишора карда шудааст) инъикос карда шудааст. Тамоюли рушди устуворе, ки дар расми 1 инъикос карда шудааст, ҳамчун замина барои муайян намудани вазъи муосири вилояти Суғд дар таҳқиқоти мазкур истифода бурда шудааст. Сабабҳои водоркунандае, ки барои қабул намудани тамоюди мазкур ҳамчун асос чунин мебошанд:

- азбаски вазни қиёсии саноат дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бештар мебошад, хусусияти тамоюли рушди иқтисодиёти вилоят дар умум бо тамоюли рушди саноат алоқаманд мебошад;

- усулҳои ҳисобкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ якхелаанд ва МММ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ММД амал мекунад.

Зи ин лиҳоз. натиҷаҳои тадқиқоти муаллифони дар боло зикршударо аз руйи нуқтаи назари мо, нисбати иқтисодиёти Тоҷикистон ва ҳам нисбати вилояти Суғд татбиқ кардан мумкин аст.

Азбаски саноат ҳамчун соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад ва вазни хоси он як қисми муҳими маҷмуи маҳсулоти минтақавиро ташкил медиҳад, тамоюли вобастагии рушди устувори иқтисодро (расми 1) бо рушди устувори саноат инъикос кардан мумкин аст, ва, нишондиҳандаҳои монандро дар U-хатти каҷи Имбс гузошта, тамоюди рушди устувори саноатро ҳангоми ҳолати ҷории сатҳи диверсификатсия муайян кардан мумкин аст.

Дар асоси натиҷаҳои ҳосилшуда оиди хусусияти таъсири сатҳи диверсификатсия ба ҳаҷми маҳсулоти умумии истеҳсолшуда ба ҳар сари аҳолӣ дар таҳқиқоти мазкур масири рушди устувори иқтисодиёти вилояти Суғд муайян карда шуд, ки чунин тартиб истифода бурда мешавад:

1. Вазъи муосири иқтисодиёти вилояти Суғд ва сатҳи диверсификатсия тибқи хатти каҷи Имбс U-шакл, ки дар шакли вобастагӣ аз сатҳи диверсификатсия – МММ ба ҳар сари аҳолӣ табдил дода мешавад, муайян карда мешавад;

2. Ҳисоби муомили чандирӣ барои муайян кардани нуқтаи ноил шудан ба суръати баланди рушди иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад, яъне муайян карда мешавад, ки сатҳи диверсификатсияро барои афзоиши устувори МММ ба ҳар сари аҳолӣ то кадом андоза зиёд кардан зарур аст. Дар ин марҳила он соҳаҳое диверсификатсия карда мешаванд, ки дорои афзалиятҳои муқоисавӣ ва сатҳи баланди арзиши иловашуда мебошанд. Интихоби соҳаҳо ба сохтани матритсаи раддабандӣ асос меёбад;

3. Баъди ноил шудан ба сатҳи баландтарини диверсификатсия гузариш ба махсусгардонии амиқи соҳаҳои интихобшуда ба вуқӯъ меояд. Ин имконият медиҳад, ки самараи зиёдшавии миқёси истеҳсолот, ки ҳангоми он хароҷоти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ зарур барои истеҳсоли маҳсулот кам карда шуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсолот ва самаранокии он зиёд мешавад, истифода шавад.

Дар асоси натиҷаҳои бадастовардашуда оид ба хусусияти таъсири сатҳи диверсификатсия ба ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулот бар ҳар сари аҳолӣ, масири рушди устувори иқтисодиёти вилояти Суғд таҳия карда шудааст (расми 5).



Расми 5. Масири рушди иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти вилояти Суғд бояд аз он иборат бошад, ки муомили диверсификатсия то марҳилаи гардиш, ки ба сатҳи 0,7 мувофиқ аст, зиёд карда шавад.Тибқи муомили чандирии ҳисобшуда, МММ бояд аз 703 доллари ибтидоӣ то 1100 доллари ИМА расад. Муомили махсусгардонӣ (нишондиҳандаи диверсификатсияи баръакс) ҳангоми ин то сатҳи 0,3 паст мешавад.

Аз ҳисоби афзоиши МММ ба ҳар сари аҳолӣ имкон пайдо мегардад, ки захираҳои инвеститсионӣ ҷамъоварӣ карда шаванд, ки онҳо дар оянда бояд ба махсусгардонии иқтисодиёти минтақа равона карда шаванд, чунки барои махсусгардонӣ самараи миқёс хос аст, яъне бо захираҳои камтари сармоягузорӣ метавон афзоиши МММ-ро ба ҳар сари аҳолӣ то 2500 доллари ИМА-ро таъмин кард.

Ҳамин тавр, масири рушди устувори саноат ҳамчун соҳаи пешбари иқтисодиёт дар шароити диверсификатсия муайян карда шуд. Ба тағйироти мусбии нишондиҳандаҳои рушди устувори вилоят ташкили шароити зарурӣ барои корхонаҳое, ки фаъолияти худро дар самти коркарди амиқи ашё ва маводҳои хоми маҳаллӣ ташкил кардаанд, таъсир худро расонд.

Дар **боби сеюми** рисола **«Самтҳои стратегии баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори саноати вилояти Суғд»** роҳҳои баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия бо мақсади таъмини рушди устувори соҳа баррасӣ шудаанд. Механизми таъсири стратегияи диверсификатсияи мутамарказ ба рушди устувор таҳия карда шудааст. Ҷиҳати интихоби соҳаҳои афзалиятнок равиш дар заминаи сохтани матритсаи дуандоза пешниҳод карда шудааст, ки бо ёрии он муқоисаи соҳаҳо ва истеҳсолот гузаронида мешавад.

Таҳқиқоти гузаронидшуда шаҳодат медиҳад, ки баланд бардоштани сатҳи диверсификатсияи саноати вилояти Суғдро бо истифода аз усулҳои зерин: захиравӣ, кластерӣ, стратегияи диверсификатсияи мутамарказ ва стратегияи диверсификатсияи конгломеративӣ амалӣ намудан мумкин аст.

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум шудааст, аз ҳама усули мувофиқ барои шароити вилояти Суғд, ки сармоягузории зиёдро талаб наменамояд, амалӣ намудани стратегияи диверсификатсияи мутамарказ ба ҳисоб меравад. Манфиатҳое, ки аз истифодаи чунин усул ба даст оварда мешаванд дар тафовут аз дигар усулҳо, дар васеъ кардани навъҳои маҳсулот аз ҳисоби истифодаи таҷҳизоти мавчуда ва технологияҳои монанд асос ёфтааст. Дар баробари ин хароҷоти истеҳсолӣ андаке зиёд мешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои дар як вақт, баробар баланд намудани сатҳи диверсификатсияи ҳамаи соҳаҳои саноат тақвиятҳо ва маблағгузориҳои зиёд лозим мебошад. Зи ин лиҳоз, ҷудо намудани соҳаҳои самарабахши саноати коркад барои дар навбати аввал амалӣ намудани раванди диверсификатсионӣ ҳамчун омили асосӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти саноат баромад мекунад. Барои ин, интихоби интихоби бахшҳои афзалиятнок барои диверсификатсияи аввалиндараҷаи иқтисодиёт масъалаи хеле мубрам мебошад. Бернард Трендл[5] пешниҳод менамояд, ки ҷузъҳои дисперсионӣ-ковариатсионии суръати афзоиши соҳаҳо истифода шуда,

[5] Трендл Б. Региональная экономическая нестабильность: роль промышленной диверсификации и пространственных вторичных эффектов //Анналы региональной науки. – 2006. – Т. 40. – №. 4. – С. 767-778.

ҳамчун нишондиҳандаи диверсификатсия сатҳи шуғл аҳолӣ дар минтақа ва даромад аз рӯи соҳаҳои саноат истифода шавад. Методологияи таҳлиле, ки аз ҷониби муаллифон Рикардо Хаусманн ва Бертрам Клингер[6] таҳия шудааст, муайян кардани «арзиш»-и ҳар як молро дар асоси даромади миёнаи кишварҳое, ки онро дар тамоми ҷаҳон содирот мекунанд ва пешниҳоди амсилаи стратегияи гузаронидани диверсификатсияро дар бар мегирад.

Аз таҳлили сатҳи инкишофи ин мушкилот хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст: 1. Аксари усулҳо барои диверсификатсияи маҳсулоти содиротӣ пешбинӣ шудаанд; 2. Барои муайян кардани самти диверсификатсия бояд маълумот оиди Меъёри байналмилалии таснифоти савдо дар сатҳи давлатӣ истифода шавад; 3. Интихоби самти афзалиятноки диверсификатсия дар сатҳи маҳсулот сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки усулҳои мавҷуда бояд ба шароити вилояти Суғд мутобиқ карда шаванд. Вобаста ба масъалаи дар боло зикргардида, дар рисолаи диссертатсионӣ таҳия ва тасвиби матритсаи раддабандии соҳаҳо, ки бо истифода аз муомили диверсификатсия ва муомили сохторӣ (ҷадвали 1), барои муайян кардани он бахшҳо ва истеҳсолоти афзалиятнокро, ки баланд намудани сатҳи диверсификатсияи онҳо барои таъмини рушди устувори саноат равона карда шудаанд.

Интихоби муомилҳои мазкур ҳамчун омилҳои баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия ба моҳияти иқтисодии онҳо асос меёбанд. Муомили диверсификатсия нишон медиҳад, ки то чӣ андоза фаъолияти соҳа ё зерсоҳа васеъ ва гуногуннамуд дар асоси истифодаи заминаи мавҷудаи захиравӣ мебошад. Ҳисоб кардани муомил мувофиқи формулаи 1 амалӣ карда мешавад. Муомили сохторӣ (Кстр) ҳамчун ҳиссаи ҳар як бахш ё зербахш дар сохтори ҳаҷми маҳсулоти умумӣ (ҲМУ) муайян карда мешавад, ки бо воҳидҳои пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ ифода карда мешавад. Кстр мувофиқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Кстр= О_{соҳа}/О_{саноат} \quad (2)$$

ки дар ин ҷо:

Кстр – муомили сохторӣ;

$О_{соҳа}$ - ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳа/зерсоҳа ба ҳар сари аҳолӣ бо доллари ИМА;

$О_{саноат}$ - ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ бо доллари ИМА.

Мазмуни иқтисодии муомили сохторӣ аз ифодаи саҳми соҳаҳои саноат ва истеҳсолот дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ буда, нишондиҳандае мебошад, ки рушди устувори саноатро инъикос мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки мувофиқати ду нишондиҳанда дар матритса: муомили диверсификатсия, ки истифодаи нисбатан пурраи захираҳоро инъикос мекунад ва муомили сохторӣ, ки истифодаи самараноки онҳоро инъикос менамояд,

[6] Хаусманн Р., Клингер Б. Структурная трансформация и модели сравнительных преимуществ в продуктовом пространстве. [Электронный ресурс] URL:file:///C:/Users/%D0%98%D0%BD%D1%82%D0%B5%D0%BB/Downloads/RWP06-041%20(1).pdf , свободный

имкон медиҳад, ки бахшҳои афзалиятнокро аз нуқтаи назари таъсири онҳо ба рушди устувори саноат тавассути баланд кардани сатҳи диверсификатсия муайян намоем.

Қиматҳои муомили диверсификатсия (Кдв) дар меҳвари амудии матритсаи раддабандии соҳаҳо ва муомили сохторӣ (Кстр) дар меҳвари уфуқӣ ҷойгир карда шудаанд (расми 6). Қиматҳои меъёрии муомилҳо барои муқоиса бо қиматҳои ҷорӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои миёнаи кишвар бо назардошти тахассуси саноатӣ интихоб карда мешаванд. Раддабандии соҳаҳо мувофиқи қиматҳои миёнаи Кдв ва Кстр, ки дар давраи на камтар аз 5 сол ҳисоб карда мешаванд, гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи раддабандии соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд маълум шуд, ки соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва савдо чун соҳаҳои афзалиятнок баромад мекунанд. Тавре маълум аст, самараи бештар аз афзоиши диверсификатсия тавассути зиёд кардани шумораи пайвандҳои арзиши иловагӣ ки махсусан дар саноати ба даст оварда мешавад, аз ин рӯ, барои тартиб додани матритсаи соҳаҳои саноат таҳқиқот гузаронида шуд (расми 6).

Кдв/Кстр	Кстр <0,1	0,1≤Кстр<0,4	0,4≤ Кстр
0,5≤Кдв	1 Истеҳсолоти бофандагӣ ва дӯзандагӣ Истеҳсолоти селлулоза-қоғаз Истеҳсоли маводҳои нафтӣ	2 Истеҳсоли маводҳои хӯрока Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ	3
0,3≤Кдв<0,5	4 Истеҳсоли пӯст ва маснуоти пӯст ркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб Истеҳсоли маводҳои дигари ғайрифулузии минералӣ	5 Итеҳсолоти металлургӣ	6
Кдв<0,3	7 Истихроҷи маводҳои энергетикӣ ҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ Саноати кимиё Мошинсозӣ	8	9

Расми 6. Матритсаи раддабандии соҳаҳои саноати вилояти Суғд

Мувофиқи нишондиҳандаҳои матритсаи раддабандӣ мавқеи беҳтаринро он соҳаҳое ишғол менамоянд, ки дар квадранти 3 ҷойгир мебошанд ва қиматҳои муомилҳои сохторӣ (Кстр) ва муомили диверсификатсияи (Кдв) онҳо баландарин мебошанд. Мавҷудияти чунин соҳаҳо дар вилояти Суғд ба назар намерасанд. Барои амалӣ намудани диверсификатсияи аввалиндараҷа, он соҳаҳое мувофиқ мебошанд, ки дар квадрантҳои 2, 5 ва 6 ҷойгир шудаанд. Ба чунин соҳаҳо истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ ва истеҳсолоти металлургӣ дохил мешаванд.

Чуноне, ки дар боло қайд карда шуда буд, самаранок амалишавии диверсификатсия аз нуқтаи назари ноил шудан ба рушди устувор аз интихоби усули мувофиқ вобастагӣ дорад. Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти вилояти Суғд аз ҳама усули муносибтар барои баланд бардоштани сатҳи диверсификатсияи истеҳсолот ва баромади корхонаҳо ба рушди устувор тавассути татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ ба ҳисоб меравад. Бартариятҳои усули диверсификатсияи пешниҳодшаванда чунин мебошанд:

1. Барои татбиқи он ҳаҷми калони маблағҳои асосӣ талаб намешавад, зеро истеҳсоли маҳсулоти нав ва таҷдидшуда ба нисбатан самаранок ва пурра истифода бурдани технологияҳои мавҷуда, таҷҳизот ва навъҳои дигари захираҳо асос меёбад.

2. Имконияти пастшавии хароҷоти истеҳсолӣ тақсимшавии хавфҳои сармоягузорӣ дар самтҳои гуногун мусоидат менамояд.

3. Ба даст овардани самараи синергетикӣ аз ҳисоби муттаҳидшавии намудҳои фаъолият ва афзоиши маҳсулнокӣ ба амал меояд.

4. Сарфакорӣ аз ҷиҳати миқёс тавассути ҳамкории корхонаҳои гуногуни истеҳсолии бахши саноати коркард.

Бо ин мақсад барои арзёбии самаранокии иқтисодии ворид намудани диверсификатсияи мутамарказ яке аз корхонаҳои пурсамари фаъоляткунандаи саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд - ширкати ватании ҶСП «Оби зулол», ки ба истеҳсоли нӯшокиҳои ғайримашруботӣ тахассус ёфтааст, интихоб карда шуд. Арзёбии самаранокии фаъолияти корхона дар асоси нишондиҳандаҳои даромад аз фурӯши маҳсулот, даромаднокии истеҳсолот ва даромаднокии фурӯши пеш ва пас аз татбиқи диверсификатсияи мутамарказ амалӣ шудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.– Нишондиҳандаҳои пешгӯишавандаи самаранокии иқтисодии ширкати ҶСП “Оби Зулол” ҳангоми воридсозии диверсификатсияи мутамарказ

Нишондиҳандаҳо	Қимат		Тағйирот	
	То диверсификатсия	Пас аз диверсификатсия	Мутлақ	Нисбӣ
Ҳаҷми истеҳсол, декалитр	3 623 148	5 109 746	1486598	41,0
Даромади умумӣ аз фурӯш, ҳаз. сомонӣ	19 878 546	28 568 231	8689685	43,7
Арзиши аслии умумӣ, ҳаз. сомонӣ	16 853 580	24 532 145	7678565	45,6
Даромади умумӣ, ҳаз. сомонӣ	3 024 966	4 853 645	1828679	60,4
Даромаднокии истеҳсолот, %	17,8	21,04	3,24	18,2
Номгӯи маҳсулот, шумора	9	14	5	55,5
Муомили диверсификатсия, коэффисиент	0,47	0,65	0,18	38,3

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Ҳисоботи солонаи ҶСП «Оби Зулол»

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар натиҷаи ворид намудани диверсификатсияи мутамарказ дар ҳамаи нишондиҳандаҳо тағйиротҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд. Даромаднокии истеҳсоли хатти технологии RC, ки ҳаҷми даромади ба воҳиди арзиши захираҳое бадастомада, ки аз гузарондани диверсификатсияи мутамарказ сарф шуданд ва аз фоидаи соф ба ҳисоб гирифта шудааст ба 18,2%, ва муомили диверсификатсия ба 0,18 воҳид афзудааст. Дар поён дар расми 7 ба таври возеҳ вобастагии даромад аз муомили диверсификатсия инъикос гардидааст.



Расми 7. - Вобастагии даромад аз фурӯш ва даромаднокии истеҳсолот аз муомили диверсификатсия

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки зиёд кардани номгӯи танҳо як навъи маҳсулот бо истифода аз иқтидорҳои мавҷуда боиси баланд шудани нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, ба монанди даромаднокии истеҳсолот, фоида ва даромади умумии корхона дар маҷмӯъ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар сурати амалӣ намудани диверсификатсияи мутамарказ дар корхонаҳои саноати коркард дар сурати иҷрои шартҳои зерин: истеҳсоли маҳсулоти таҷдидшуда дар асоси технологияи мавҷуда; ба даст овардани самара аз сарфакорӣ аз ҷиҳати миқёс ва таъмин намудани самараи синергетикӣ ба баланд шудани самаранокии истеҳсолот ноил шудан мумкин аст, ҳамзамон робитаи байни муомили диверсификатсия ва рушди устувори саноат мусбӣ мемонад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чунин хулоса нисбати саноат дар маҷмӯъ низ қобили қабул аст.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаҳои асосии илмии рисола

Дар натиҷаи тадқиқоти баргузоршуда хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии зерин муқаррар карда шуданд:

1. Диверсификатсияи иқтисодиёт воситаи муҳим барои ташаккул ёфтани истеҳсолоти нав ва тавсеа бахшидани истеҳсолоти самарабахши амалкунандаи саноат мебошад. Моҳияти иқтисодии он ба инкишофи гуногунсоҳа ва серҷанбаи фаъолияти иқтисодӣ, ташкили корхонаҳои дорои дурнамои хуби рушд асос ёфтааст. Диверсификатсия дар таъмини рушди устувор ба саҳми соҳаҳои нави саноат дар ташаккули ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, мустаҳкам намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳаллу фасли мушкилоти мавҷудаи сохторӣ, баланд намудани тобоварӣ ба зарбаҳову бӯҳронҳо, таъмини шуғли саноат ва ноил шудан ба сарфакорӣ аз ҳисоби миқёси истеҳсолот мусоидат мекунад [5-М].

2. Диверсификатсияи иқтисодиёт, ки пайванди мобайнӣ ё марҳилаи рушди иқтисодӣ дар байни сатҳи аввал ва охири тағйироти мусбии саноат, ки дар заминаи махсусгардонии истеҳсолоти ба рушди устувор мусоидаткунанда асос ёфтааст, барои баровардан ба сатҳи нисбатан баландтари номуайянии муҳити берунаи фаъолияти корхонаҳои амалкунанда иқтидор дорад ва воситаи тавоно ва таъсирбахш маҳсуб мешавад. Чунин натиҷа нисбати иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба даст оварда шудааст. Ин тавассути диверсификатсияи мутамарказ, вақте ки ҷамъшавии сармоя бо воридшавии минбаъда ба истеҳсоли маҳсулоти дорои ҳиссаи бештари арзиши иловашуда ҷамъ мешавад, имконпазир аст[4-М].

3. Дар айни замон муайян карда шудааст, ки сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тофикистон ба сатҳи миёна мувофиқат менамояд. Дар оянда воридкунии захираҳои сармоягузории ҷамъшудаи инвеститсионӣ ба он соҳаҳо ва истеҳсолоте, ки афзалиятҳои муқоисавӣ ва ҳиссаи баланди арзиши иловашуда доранд, зарурат дорад [3-М].

4. Робитаи манфии байни сатҳи диверсификатсия ва ҳаҷми истеҳсоли саноати истихроҷ бо он вобаста аст, ки равандҳои диверсификатсия ба саноати истихроҷ таъсири суст доранд ва дар рушди он асосан афзоиши истихроҷи маъданҳо нақш мебозанд ва пайванди арзиши иловагӣ аслан вуҷуд надорад. Вобастагии мусбии муайяншудаи сатҳи диверсификатсия ва ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард дар заминаи имкониятҳои бузурги диверсификатсия, зиёд намудани шумораи пайванди арзиши иловагӣ ва махсусгардонии соҳаҳо асос ёфтааст, ки дар натиҷа ин ҳолат боиси афзудани ҷамъшавии сармоя ва рушди устувор мегардад [2-М].

5. Матритсаи таҳияшудаи раддабандии соҳаҳои саноати вилояти Суғд барои муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои баланд бардоштани дараҷаи диверсификатсия таъин шудааст ва имкон медиҳад, ки барои ба даст овардани заминаи устувори рушди иқтисодӣ кадом соҳаро қабл аз ҳама бо назардошти имкониятҳои мавҷудбуда ва бо хароҷоти камтарин кӯшишҳо тавсеа додан лозим аст, ҷавоб дода шавад. Соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва савдо ҳамчун соҳаҳои афзалиятноки минтақа ба ҳисоб рафта ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ ва истеҳсоли металлургӣ дар сохтори саноат соҳаҳои афзалиятнок мебошанд [1-М].

ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

Тадқиқотҳои гузаронидашуда имкон доданд, ки тавсияҳои зерин пешниҳод гарданд:

- аз рӯи натиҷаҳои таҳлили риёзӣ-омории нишондиҳандаҳои иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки ба диверсификатсияи саноати коркард, ки яке аз самтҳои босуръат инкишофёбандаи иқтисодиёт маҳсуб мешавад, таваҷҷӯҳи бештар дода шавад [2-М].

- тавсия дода мешавад, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти вилояти Суғд тавассути татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ он соҳаҳо ва истеҳсолоте, ки бартарии муқоисавии рақобат доранд, идома дода шавад. Дар натиҷа имкони ҷамъоварии захираҳои инвеститсионӣ ба вуҷуд меояд, ки дар оянда бояд ба махсусгардонии иқтисодиёти минтақа равона карда шаванд, чунки ба махсусгардонӣ бо самараи миқёсӣ хос аст, яъне тавассути захираҳои ками инвеститсионӣ афзоиши МДМ-ро ба ҳар сари аҳолӣ таъмин кардан мумкин аст [6-М].

- дар рисола пешниҳод мешавад, ки дар шароити вилояти Суғд роҳи нисбатан босамараи таъмини рушди устувори иқтисодӣ татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ мебошад. Ин роҳ имкон медиҳад, ки ҳам ҳаҷм ва ҳам самаранокии истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти минтақавӣ тавассути паст кардани хавфҳои тиҷоратӣ тариқи васеъ кардани номгӯи маҳсулот, зоҳиршавии самараи сарфакорӣ аз ҷиҳати миқёс, афзоиши арзиши иловашуда, зоҳиршавии самараи синергетикӣ, вақте ки самаранокии фаъолият дар натиҷаи ҷорӣ намудани дастровардҳои соҳаи идоракунӣ, маркетинг ва таъминоти моддию техникӣ барои соҳаҳои навтаъсис зиёд мешавад [9-М].

- барои муайян намудани бахшҳои афзалиятноки минтақа дар маҷмӯъ ва аз ҷумла саноат, аз нуқтаи назари минбаъд баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия тавсия дода мешавад, ки матритсаи раддабандии соҳа, ки дар асоси баҳодиҳии муомили диверсификатсия ва муомили сохтории соҳаҳо ва истеҳсолот тартиб дода шудааст, истифода шавад. Тибқи натиҷаҳои раддабандии соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд саноат, кишоварзӣ ва савдо барои баланд бардоштани муомили диверсификатсия афзалиятнок ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо иқтидори кофии иқтисодӣ доранд. Ин соҳаҳо сатҳи миёнаи диверсификатсия доранд ва ҳиссаи калонтаринро дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ташкил медиҳанд [1-М].

Мақолаҳо, ки дар маҷаллаҳои илмӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шудаанд

[1-М] Мансурова М.Г. Методические и практические аспекты ранжирования отраслей промышленности в контексте диверсификации экономики [Текст] / Авезова М.М., Мансурова М.Г. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. - №1. – С.149-155.

[2-М] Мансурова М.Г. Оценка уровня диверсификации промышленности Согдийской области Республики Таджикистан [Текст] / М.Г. Мансурова //

Политехнический вестник. Серия: интеллект, инновация, инвестиция - Душанбе: ТТУ имени академика М.С. Осими. - 2022. №4(60). С.86-91.

[3-М] Мансурова М.Г. Приоритетные направления повышения диверсификации экономики региона [Текст] / М.М. Авезова, М.Г. Мансурова // Управление. – Москва, 2021. – Т.9. – №.1. – С.5-15.

[4-М] Мансурова М.Г. Предпосылки диверсификации в развитии экономической деятельности региона [Текст] / М.Г. Мансурова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. – №.3-1. – С.59-64.

[5-М] Мансурова М.Г. Моҳияти иқтисодии диверсификатсияи минтақа ва намудҳои он [Матн] / М.Г. Мансурова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ – Хуҷанд, 2019. – №.3 (80). – С. 81-87.

[6-М] Мансурова М.Г. Баланд бардоштани самараи иқтисодии корхонаҳои саноати сабук бо роҳи дигарсозии истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаи ҶДММ “Нассоҷи Хуҷанд”) [Матн] / М.Г. Мансурова // Номаи Донишгоҳ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2017. – №. 3(42). – С. 135-143.

Мақолаҳо ва осори илмӣ дар дигар нашрияҳои чоп шудаанд:

[7-М] Мансурова М.Г. Влияние отраслевой диверсификации на региональный экономический рост [Текст] / М.Г. Мансурова // Индустриально-инновационное развитие национальной экономики Республики Таджикистан: проблемы, факторы и международный опыт. – Худжанд. 2021. – С.32-36.

[8-М] Мансурова М.Г. Подходы выбора приоритетных отраслей для проведения диверсификации региона в обеспечении устойчивого экономического развития [Текст] / М.М. Авезова, М.Г. Мансурова // Россия в XXI веке: глобальные вызовы и перспективы развития. – Москва, 2020. – С. 369-376.

[9-М] Мансурова М.Г. Диверсификация экономики как инструмент управления развитием региона [Текст] / Мансурова М.Г. // Стратегии противодействия угрозам экономической безопасности в условиях нестабильности мировых рынков. Материалы международной научно-практической конференции (Москва, 25-26 ноября 2020 г). Москва, 2020 г.. Под ред. чл-корр. РАН В.А. Цветкова, к.ф-м.н., доцента К.Х. Зоидова., 2020. С. 121-124.

[10-М] Мансурова М.Г. Анализ состояния экономики Согдийской области в контексте обеспечения устойчивого развития региона // М.Г, Мансурова // Стратегия устойчивого развития и угрозы экономической безопасности промышленности России с позиции шестого технологического уклада. Материалы международной научно-практической конференции. Под редакцией В.А. Цветкова, К.Х. Зоидова. Москва, 2021 - С. 89-95.

[11-М] Мансурова М.Г. Диверсификатсияи маҳсулоти таълимӣ ҳамчун самти стратегии ислоҳоти таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / М.М. Авезова, М.Г. Мансурова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Низоми босамари омодакунии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ – асоси рушди устувори Ҷумхурии

Тоҷикистон» бахшида ба 25 солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Хуҷанд, 18-19 ноябри 2017 с.). Хуҷанд, 2017. - С.385-391.

[12-М] Мансурова М. Г. Ҷанбаҳои баҳодиҳии дараҷаи диверсификатсияи истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / М.М. Авезова, П.У. Файзиева, М.Г. Мансурова // Паёми Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М. С. Осимӣ. – 2017. – №2(3). – С.64-71.

АННОТАТСИЯ

ба автореферати кори диссертатсионии Мансурова Мафтунахон Ғуфроновна дар мвзӯи “Диверсификатсия чун воситаи таъмини рушди устувори саноат (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”пешниҳод шудааст.

Калидвожаҳо: рушди устувори саноат, масири рушди устувор, диверсификатсия, диверсификатсияи иқтисодиёт, саноати коркард ва истихроҷ, матритсаи раддабандии соҳаҳо, диверсификатсияи мутармарказ.

Мақсади таҳқиқот: таҳияи муқаррароти назариявӣ-усулӣ барои муайян намудани таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат ва таҳияи тавсияҳои амалӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи диверсификатсия ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори он самтгузорӣ шудаанд, ифода меёбад.

Усулҳои таҳқиқот ва аппарати илмӣ рисолаи диссертатсионӣ. Барои ноил шудан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳо чунин усулҳо истифода бурда шудааст: усулҳои умумии илмӣ ва махсуси тадқиқотӣ, равиши бисёрҷанба, арзёбии муқоисавӣ, таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ истифода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардашуда ва навгониҳо. Хусусияти робитаи таъсири диверсификатсия ба рушди устувори саноат зоҳир карда шудааст. Асоснокии интихоби механизми таъсири диверсификатсия, ки барои рушди устувори иқтисодии саноат самаранок мусоидат менамояд. Масири рушди устувори иқтисодиёти вилояти Суғд, ки бо раванди диверсификатсияи саноат алоқаманд аст, ки боиси таъсири мусбии диверсификатсия ба тамоюли рушди устувор мегардад. муайян карда шудааст.

Тавсияҳо бароиистифобарӣ. Барои зоҳир намудани соҳаҳои афзалиятноки минтақа дар маҷмуъ, ва махсусан барои соҳаҳои саноат истифодаи матритсаи раддабандӣ тавсия дода мешавад, ки дар асоси нишондиҳандаҳои муомили диверсификатсия ва муомили сохторӣ тартиб дода шудааст. Барои шароити вилояти Суғд ҳамчун воситаи босамари таъмини рушди устувор татбиқи стратегияи диверсификатсияи мутамарказ пешниҳод карда шудааст.

Доираи татбиқ. Нуктаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, хулосаву пешниҳодҳо ҳангоми таҳияи стратегияи рушди саноат метавонанд истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои тадқиқот барои васеъ намудани ақидаҳои назариявӣ оид ба вобастагии сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди уствувори саноат имкон медиҳанд ва бо истифодаи усулҳои пешниҳодгардида дар зоҳир намудани соҳаҳои афзалиятнок, барои баланд намудани диверсификатсияи иқтисодиёт ҳангоми асоснок намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои алоҳидаи саноат аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд истифода шаванд. Натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таҳияи курсҳои «Менеҷменти стратегӣ», «Иқтисоди саноат» ва “Иқтисодиёти корхона истифода шаванд.

АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертационной работы Мансуровой Мафтунахон Гуфроновны на тему «Диверсификация экономики как инструмент обеспечения устойчивого развития промышленности (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)»

Ключевые слова: устойчивое развитие промышленности, траектория устойчивого развития, диверсификация, диверсификация экономики, обрабатывающая и добывающая промышленность, матрица ранжирования отраслей, концентрическая диверсификация.

Цель исследования заключается в развитии теоретическо - методических положений по определению влияния диверсификации на устойчивое развитие промышленности и разработке практических рекомендаций, направленных на повышение уровня диверсификации как инструмента обеспечения ее устойчивого развития.

Методы исследования и научный аппарат диссертационного исследования. Для достижения цели и решения задач были использованы следующие научно-исследовательские методы: комплексный подход, сравнительная оценка, корреляционно-регрессионный анализ, диалектический и статистический анализ.

Полученные результаты и новизна диссертационной работы. Выявлен характер зависимости влияния диверсификации на устойчивое развитие промышленности от ее отраслевой структуры. Обоснован выбор механизма влияния диверсификации эффективно способствующего устойчивому экономическому развитию промышленности. Определена траектория устойчивого развития экономики Согдийской области, связанная с процессом диверсификации промышленности и обусловливающая положительное влияние диверсификации на тренд устойчивого развития.

Рекомендации по использованию. Для выявления приоритетных отраслей региона в целом и промышленности в частности, рекомендовано использование матрицы ранжирования отраслей, которая строится на основе оценки коэффициента диверсификации и структурного коэффициента отраслей и производств. Для условий Согдийской области как наиболее эффективный способ обеспечения устойчивого развития экономики, предложено применение стратегии концентрической диверсификации.

Область применения. Научно обоснованные положения, выводы и предложения диссертации могут быть использованы при разработке стратегии развития промышленности. Результаты исследования позволяют расширить существующие теоретические представления о взаимосвязи уровня диверсификации экономики и устойчивого развития промышленности, и связаны с возможностью использования предложенных подходов и методик выявления приоритетных отраслей для повышения диверсификации экономики при обосновании инвестиционных проектов на уровне отдельных отраслей промышленности исполнительными органами государственной власти регионов Республики Таджикистан. Результаты исследования могут быть использованы при разработке учебных курсов «Стратегический менеджмент», «Экономика промышленности» и «Экономика предприятия».

ANNOTATION

to the abstract of the dissertation work of Mansurova Maftunahon Gufronovna on the theme "Diversification of the economy as a tool for ensuring the sustainable development of industry (on the example of the Sugd region of the Republic of Tajikistan)"

Key words: industrial sustainable development, sustainable development trajectory, diversification, economic diversification, manufacturing and extractive industries, industry ranking matrix, concentric diversification.

The purpose of the study is to develop theoretical and methodological provisions to determine the impact of diversification on the sustainable development of industry and develop practical recommendations aimed at increasing the level of diversification as a tool to ensure its sustainable development.

Research methods and scientific apparatus of dissertation research. To achieve the goal and solve the tasks, the following research methods were used: an integrated approach, comparative assessment, correlation and regression analysis, dialectical, statistical analysis and expert assessment.

The results obtained and the novelty of the dissertation work. The nature of the dependence of the influence of diversification on the sustainable development of industry on its sectoral structure is revealed. The choice of the mechanism of influence of diversification that effectively contributes to the sustainable economic development of industry is substantiated. The trajectory of sustainable development of the economy of the Sugd region, associated with the process of industrial diversification and causing a positive impact of diversification on the trend of sustainable development, has been determined.

Recommendations for use. To identify the priority sectors of the region in general and industry in particular, it is recommended to use the industry ranking matrix, which is built on the basis of an assessment of the diversification coefficient and the structural coefficient of industries and industries. For the conditions of the Sughd region, as the most effective way to ensure sustainable development of the economy, the use of a strategy of concentric diversification is proposed.

Scope of application. Scientifically substantiated provisions, conclusions and proposals of the dissertation can be used in the development of an industry development strategy. The results of the study make it possible to expand the existing theoretical understanding of the relationship between the level of economic diversification and sustainable development of industry, and are related to the possibility of using the proposed approaches and methods for identifying priority sectors to increase the diversification of the economy when substantiating investment projects at the level of individual industries by the executive authorities of the regions of the Republic of Tajikistan. The results of the study can be used in the development of training courses "Strategic Management", "Industrial Economics" and "Enterprise Economics".